ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-105 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Абдуллозода Нарзулло Исҳоқ дар мавзуи «Пешгӯӣ намудани ҳодисаҳои экстремалии гидрологӣ ва интихоби усулҳои соҳилмустаҳкамкунӣ бо истифода аз моделҳои математикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 1.2. Илмҳои компютерӣ ва информатика (1.2.8. Моделсозии математикӣ, методҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо)

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-105 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки дар ҳайати: раиси комиссия – узви шуро, доктори илмҳои техникӣ, профессор Қаландарбеков И. ва аъзоёни комиссия номзади илмҳои техникӣ, дотсент Холмуратов Т.Р., номзади илмҳои техникӣ, дотсент Қосимов И.Л.-узви шуро, ки аз 29-уми августи соли 2026 (суратмаҷлиси №4) ташкил шуда буд, диссертатсияи Абдуллозода Нарзулло Исҳоқро дар мавзуи «Пешгӯӣ намудани ҳодисаҳои экстремалии гидрологӣ ва интихоби усулҳои соҳилмустаҳкамкунӣ бо истифода аз моделҳои математикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 1.2. Илмҳои компютерӣ ва информатика (1.2.8. Моделсозии математикӣ, методҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо) (соҳаи техникӣ) дида баромада, хулосаи зеринро пешниҳод намуд:

Диссертатсияи Абдуллозода Нарзулло Исҳоқ дар мавзуи «Пешгӯӣ намудани ҳодисаҳои экстремалии гидрологӣ ва интихоби усулҳои соҳилмустаҳкамкунӣ бо истифода аз моделҳои математикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 1.2. Илмҳои компютерӣ ва информатика (1.2.8. Моделсозии математикӣ, методҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо) (соҳаи техникӣ) ба талаботҳои «Низомнома оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 (тағ. Қарори Ҳукумати ҶТ аз 26 июни соли 2023 №295) тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот. Масъалаи об бевосита масъалаи беҳдошти вазъи иқтисодии ҷумҳурӣ ва таъмини бехатарии ҳаёти инсон

мебошад. Ҳамасола тибқи маълумотҳои оморӣ дар натиҷаи боришоти зиёд дар ноҳияҳои гуногуни ҷумҳурӣ сел омада талафоти иқтисодии зиёд ва ҳатто ҷонӣ ба назар мерасад. Аз ин рӯ, дар асоси барномаҳои давлатии корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (31-уми майи соли 2018 таҳти №285, 29-уми апрели соли 2023 таҳти №186), масъалаҳои пешгӯӣ намудани масрафи оби дарё, сатҳи баландии об ва масъалаҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар ҷумҳурӣ, мубрам будани мавзуи таҳқиқотиро собит месозад.

Мақсади таҳқиқоти рисолаи диссертатсионӣ, пешгӯӣ намудани сатҳи максималии оби дарёҳо, масрафи максималӣ, интихоби усули соҳилмустаҳкамкунӣ ва ҳудкорсозии ҳисоби масрафи масолеҳи соҳилмустаҳкамкунӣ, сохтани буриши кундалангии минтақа дар асоси истифодаи амсилаҳои математикӣ ва компютерӣ мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқот. Мувофиқи мақсади гузошташудаи таҳқиқот масъалаҳои зерин мушаххас карда шудаанд:

- Интихоби минтақаҳои ноустувори гидрологӣ, ки ба соҳилмустаҳкамкунӣ ниёз доранд;
- Пешгӯии сатҳи оби дарё ва ҳисоби гидравликии он дар экосистема;
- Сохтани бурриши кундалангии экосистема (минтақа) ва таъмини устувории он;
- Таҳлили қиёсии маълумотҳои оморӣ ва маълумотҳои пешгӯишуда бо усули Гумбел;
- Тартиб додани комплекси нави барномаҳо, ки барои ҳудкорсозӣ ва пешгӯии сатҳи об мусоидат менамояд.

Объекти таҳқиқот. Таҳлили амсилаҳои математикии пешгӯикунандаи сатҳи баландии оби дарё ва соҳилмустаҳкамкунӣ дар мисоли дарёи Панҷ (деҳаи Хирманҷо), дарёи Қизилсу (ноҳияи Восеъ) ва дарёи Кофарниҳон (минтақаи Қубодиён) ба шумор мераванд.

Навгонии илмии таҳқиқот. Дар рисолаи диссертатсионӣ натиҷаҳои асосии зерин ба даст оварда шудаанд:

- Истифодаи амсилаҳои математикӣ дар пешгӯӣ намудани сатҳи оби дарё;

- Ҳисоби гидравликии оби дарё пешниҳод (ҳисоб) карда шуда, бурриши кундалангии экосистема (минтақа) сохта шуд;
- Комплекси нави барномаҳо, ки барои пешгӯй намудани сатҳи баландтарини об, масрафи максималӣ ва ҳисоб кардани масрафи масолеҳи соҳилмустаҳкамкунӣ мусоидат менамояд, тартиб дода шудаанд.

Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот. Натиҷаҳои рисолаи диссертатсионӣ ва усулҳои истифодашударо дар дигар иншоотҳои геоэкологӣ (гиротехникӣ)-и Тоҷикистон вобаста аз маълумотҳои геосистемаҳо татбиқ намудан имконпазир мебошад.

Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсия ва мазмуну мундариҷаи он фарогири соҳаҳои таҳқиқотии шиносномаи ихтисоси 1.2. Илмҳои компютерӣ ва информатика (1.2.8. Моделсозии математикӣ, методҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо) (соҳаи техникӣ) мебошад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот аз иштироки мустақим дар интихоби мавзуъ, таҳлили адабиёти соҳавӣ, ҷамъоварӣ ва таснифи маълумоти таҷрибавӣ, таҳияи комплекси амсилаҳои консептуалӣ, математикӣ ва компютерӣ, идентификатсия ва верификатсияи афзори таҳқиқотӣ, таҳлили натиҷаҳои ҳисоббарорӣ, коркарди хулосаҳои ҷамъбастӣ, пешниҳоди тавсияҳои методӣ ва таҳияи матни диссертатсия ифода ёфтааст.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Аз рӯйи мавзуи диссертатсионӣ 12 мақола нашр шудаанд. Аз онҳо 6 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ва 6 фишурдамақола дар маводҳои конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ нашр гардидаанд. Илова бар ин, ду шаҳодатномаи ҳифзи ҳуқуқи муаллиф дар ин мавзуъ пешниҳод карда шудааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Рисолаи илмӣ аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйихати адабиёт, ки аз 145 номгӯй иборат аст, таркиб ёфтааст.

Бо дарназардошти гуфтаҳои болозикр, комиссияи экспертии шуро чунин мешуморад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллозода Нарзулло

Исҳоқ дар мавзуи «Пешгӯй намудани ҳодисаҳои экстремалии гидрологӣ ва интихоби усулҳои соҳилмустаҳкамкунӣ бо истифода аз моделҳои математикӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 1.2. Илмҳои компютерӣ ва информатика (1.2.8. Моделсозии математикӣ, методҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо) (соҳаи техникӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомномаи тартиби додани дараҷаҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, кори мукаммали илмию тахассусӣ маҳсуб меёбад. Таҳқиқоти мазкур мутобиқи самтҳои афзалиятноки пешрафти илмию техникӣ ва рақамикунонии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардида, ба рушди усулҳои амсиласозии математикӣ, системаҳои иттилоотӣ ва технологияҳои коркарди автоматии маълумот равона шудааст.

Ҳамаи натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада нав мебошанд. Навгонии илмии онҳо дар таҳияи асосҳои назариявӣ ва амалии омодасозии лоиҳаҳои - иншоотҳои гидротехникӣ истифода мешавад. Натиҷаҳои пешниҳодшуда бо истифода аз усулҳои муосири таҳқиқу таҳлили илмӣ, ки дар пояи методологияи диди системавӣ ва консепсияи илмии ташхиси компютерӣ шакл гирифтаанд, ба даст омадаанд. Ин натиҷаҳо дар маҷмуъ заминаи аз ҷиҳати илмӣ асоснокро барои тарҳрезӣ ва ҷорӣ намудани системаҳои автоматӣ дар соҳаи сохтмон, хусусан, барои сохтани саддҳои устувор дар асоси пешгӯй намудани сатҳи оби дарё фароҳам меоранд.

Диссертатсия бори аввал ба ҳимоя пешниҳод гардидааст. Автореферати он мазмуну мундариҷаи диссертатсияро дуруст инъикос мекунад, миқдори интишороти довталаб барои ҳимоя басанда аст.

Мавзуи таҳқиқот, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисос, шиносномаи ихтисос ва соҳаи илме, ки аз рӯйи он ба шуро қабул, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсияҳо иҷозат дода шудааст, мутобиқат мекунанд. Дар асарҳои чопшудаи довталаб маводи диссертатсионӣ ба таври мукаммал дарҷ ёфтаанд. Талабот нисбат ба нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия ва эътимоднокии онҳо иҷро шудааст.

Комиссияи экспертӣ пешниҳод мекунад, ки барои ташкили ҳимояи диссертатсияи Абдуллозода Нарзулло Исҳоқ мутахассисони зерин муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

1) Гулаҳмадзода Аминҷон Абдуҷаббор - доктори илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.09.07. Гидравлика ва гидрологияи муҳандисӣ;

2) Ҳалимов Илҳом Исломович - дотсент, номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 1.2.8. Моделсозии математикӣ, методҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо.

Муассисаи пешбари эҳтимолии диссертатсия Институти геология сохтмонӣ ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои КОА ва ДМТ ва инчунин нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссия:

доктори илмҳои техникӣ, профессор, узви шуро — Қаландарбеков И.

Аъзои комиссия:

номзади илмҳои техникӣ, дотсент — Холмуратов Т.Р.

номзади илмҳои техникӣ, дотсент, узви шуро — Қосимов И.Л.

Имзои Қаландарбеков И. ва Холмуратов Т.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ — Қодирзода Н.Ҳ.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Имзои Қосимов И.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ — Шодихонзода Э.Ш.

УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ

15.09.26